ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ВБД 339+339.1(575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис



Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович

АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СИЁСАТИ ПРОТЕКСИОНИСТИИ ДАВЛАТ ДАР ВОРИДИ МАҲСУЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

ДУШАНБЕ-2026

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги озуқаворӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Одиназода Шоҳин Талбак,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: **Садриддинзода Манучеҳр Исломиддин**, доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Гулаков Умедҷон Маҳмадович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи 19 декабри соли 2026, соати 11:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии “В”, ошёнаи 3, толори №304, почтаи электронӣ: 6D.KOA-100 @mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 981000050.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва сомонаи расмии он (www.iutet.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» «_____» соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори фалсафа (PhD) **Сайфиддинзода С. С.**

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тамоюли тақвияти сиёсати протексионистӣ дар бисёр кишварҳо ба таври назаррас афзоиш ёфта истодааст. Махсусан, ин раванд дар соҳаи кишоварзӣ зоҳир гардида, бо ҳадафҳои таъмини устувории бозори дохилӣ ва амнияти озуқаворӣ алоқамандии мустақим дорад. Бинобар ин, тағйироти пайвастаи муҳити беруна зарурати таҳлили таъсири омилҳои гуногунро ба ташаккул ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои мувофиқи протексионистӣ ба миён меорад. Таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ собит месозад, ки татбиқи протексинизм метавонад барои тақвияти истеҳсолоти ватанӣ бо роҳи маҳдуд сохтани рақобати хориҷӣ заминаи мусоид таъмин намояд.

Бевосита дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ ва зиёд гардидани омилҳои беруна, таъмини рушди устувори истеҳсолоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори дохилии иқтисодӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Дар ин асос, воридивазкунӣ ва кам кардани вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ ҳамчун самтҳои зарурии сиёсати иқтисодӣ баромад мекунанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии қисми протексионистии сиёсати иқтисодиро муайян мекунанд, ки бештар аз ҳама дар низоми агросаноатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳеҷ як кишвари пешрафтаи ҷаҳон наметавонад аз ин мушкилот канорагирӣ кунад. Инҳо, пеш аз ҳама, ҳимоятгарии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, дастгирии мустақими буҷети давлатӣ ва шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои маъмурии танзими иқтисодӣ, инчунин, фаро гирифтани ташаккули муҳити рақобатпазир дар бозорҳо, беҳтарсозии фаъолияти соҳибкорию истеҳсолоти ватанӣ ва таъмини баландшавии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот равона гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки тақвияти дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар солҳои охир яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор рафта, дар ин замина ҳам низоми дастгирии давлатӣ густариш ёфта ва ҳам маблағгузории буҷетӣ зиёд гардидааст.

Ин чораҳо, дар баробари беҳтар шудани шароити макроиқтисодӣ, устуворӣ ва афзоиши истеҳсоли кишоварзиро низ таъмин карданд. Бо вуҷуди тараққиёти муайян шароити мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва иҷтимоии деҳот мавҷуд нест. Бинобар ин, зарурати ҷорӣ намудани равандҳои нави сиёсати аграрӣ ба миён меоянд, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, инчунин, беҳсозии сатҳи даромаду рушди деҳот мебошад.

Танзими давлатӣ, бахусус дар самти тақвияти протексионизм дар якҷоягӣ бо рушди соҳибкории аграрӣ дар марҳилаи кунунӣ бояд барои рушди пешрафтаи истеҳсолоти кишоварзӣ шароит фароҳам оварад.

Дар ин робита, мушкилоти такмили низоми чораҳои протексионистии кишоварзӣ ва муайян кардани дастурҳои зарурӣ барои таҳияи усулҳо,

воситаҳо ва шаклҳои муассири таъсир ба субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама сатҳҳо ин мавзуи диссертатсияро хеле муҳим мегардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Таҳқиқ ва асосноккунии муқаррароти назариявӣ оид ба танзими иқтисодии давлатии кишоварзӣ ва протексионизм бар асоси асарҳои классикони иқтисоди сиёсӣ: Д. Стиглитс, Ф. Фонд, Б. Фредерик, Л. Фридрих анҷом дода шуданд. Саҳми назаррасе дар таҳияи ҷанбаҳои методологӣ ва амалии беҳтар кардани омилҳои иқтисодии дастгирии давлатии кишоварзӣ аз ҷониби олимони зерини рус сурат гирифтааст: В. Березенко, Т. Бандарчук, Е. Воробев, И. Иванов, В. Ничаев, П. Парамонов ва дигар муаллифон.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари масъалаҳои мазкур дар асарҳои Ҷ. Пиризода, Ш. Қодирзода, Ш. Одиназода, Ш. Раҳимзода, А.Б. Мирсаидов, Л.Ҳ. Саидмуродов ва дигарон мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ дар бораи протенксионизми аграрӣ таҳқиқҳои гуногун мавҷуданд. Масалан муаммоҳои назариявие, ки бо нақши дастгирии давлатро дар раванди фаъолияти истеҳсоливу иқтисодӣ ва ташаккули шароиту механизмҳои зарурии таъмини рақобатпазирӣ алоқаманданд, дар корҳои олимони тоҷик дар доираи пажӯҳиши танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Масъалаҳои муҳиммияти сиёсати неопротексионистии аграрӣ барои таъмини рушди дарозмуддати КАС ва як қатор сабабҳои монеаъэҷодкунанда, ки дар роҳи он қарор дораду зарурати такмили механизмҳои неру бахшидани раванди воридотивазкунӣ тақозо менамояд, дар асарҳои илмии Ҷ. Пиризода мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асарҳои А.Б. Мирсаидов бошад, таъсири муҳити институтсионалӣ дар тарҳу шаклгирии сиёсати неопротексионистии аграрӣ, фазои фарогирии муҳити институтсионалӣ ва инъикоси он дар низоми дастгирии давлатии соҳа ва идоракунии раванди воридотивазкунӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ дар иқтисоди аграрӣ мусоидат менамояд, таъкид шудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241, бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (15 марти соли 2016, № 1299), “Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 31 декабри соли 2008, №658), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи рушди низоми кишоварзӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» (аз 01 марта 2023 года, №54), «Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқамандӣ дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тадқиқоти илмӣ ба омӯзиши заминаҳои назариявии, ташкилӣ ва иқтисодии ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии давлат дар соҳаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ равона гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, афзоиши рақобати байналмилалӣ ва вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ масъалаи ҳифзи истеҳсолкунандагони маҳаллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Барои Тоҷикистон, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, сиёсати оқилонаи танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ метавонад барои рушди истеҳсолоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ замина фароҳам оварад.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ такмили асосҳои методологӣ ва амалии ташаккул ва татбиқи сиёсати дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ бо истифода аз воситаҳои неопротексионистӣ аст, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини рушди босуръат ва устувории соҳа равона шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар доираи таҳқиқот вазифаҳои илмии дахлдор муайян ва мавриди таҳлил қарор дода шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд:

- муайян намудани заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккули сиёсати протексионистӣ, таҳияи таснифи омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи он дар сатҳи давлатӣ;
- омӯзиши равишҳо ва механизмҳои нави танзими давлатӣ ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси принсипҳо ва воситаҳои сиёсати протексионистӣ;
- арзёбии хусусиятҳо ва мушкилоти рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити афзоиши воридоти маҳсулот;
- таҳия ва пешниҳод намудани модели муосири сиёсати протексионистӣ ва пешгӯии рушди он то соли 2030.

Объекти таҳқиқот муносибатҳои иқтисодию институтсионалӣ мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии давлат нисбат ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити рушди механизмҳои бозории фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ ва татбиқи сиёсати воридотивазкунанда дар соҳаи аграрӣ татбиқи сиёсати илман асосноки непротексионизми аграрӣ на танҳо ба ғанигардии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, балки ба рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва болоравии самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ин муқаррароти асосии назарияи иқтисодии институтсионалӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ мебошанд, ки дар асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба танзими муносибатҳои иқтисоди беруна дар иқтисодиёти аграрӣ, инчунин, санадҳои

қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили системавӣ ва муқоисавии равандҳо, абстраксияи илмӣ, моделсозии консептуалӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ барои омӯзиши равандҳо ва фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ анҷом дода шудаанд.

Сарчашмаи таҳқиқот. Дар баррасӣ ва арзёбии мавзуи таҳқиқшаванда ба таври комил ва сатҳӣ аз маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи соҳаи кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон (хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои аҳолӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооператсияҳои истеҳсолию тиҷоратӣ), мушоҳидаҳои муаллиф, адабиёти махсуси илмӣ истифода бурда шудаанд. Инчунин, маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги озуқаворӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ солҳои 2019-2026 анҷом дода шудааст.

Навоварии тадқиқот дар такмили асосҳои назариявӣ ва амалии сиёсати давлатии дастгирии кишоварзӣ, инчунин асоснок намудани истифодаи механизмҳо ва воситаҳои нави неопротексионизми аграрӣ барои татбиқи самараноки стратегияи воридотивазкунӣ дар комплекси агросаноатӣ (КАС) ифода меёбад.

Навгонии илмии диссертатсия дар натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳия ва асоснокшудаи муаллиф оид ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ дар асоси чораҳои сиёсати неопротексионистӣ ифода меёбад:

- асосҳои институтсионалии протексионизми кишоварзӣ такмил дода шуда, он ҳамчун зерсистемаи танзими давлатии рушди соҳа баррасӣ гардидааст, ки тавассути маҷмуи механизмҳо ва чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, рушди рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ ва татбиқи стратегияи воридотивазкунанда равона мегардад;

- механизми танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ такмил дода шуда, ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва афзалият додан ба истеҳсолоти дохилӣ дар ҳолатҳои имконпазир ё воридот боиси бад шудани вазъи соҳаҳои он ва коҳиши фоиданокии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ гардад; чораҳои муҳофизатӣ дар шакли маҳдудиятҳои миқдорӣ ё ҷорӣ кардани боҷҳои гумрукӣ ба андоза ва барои муҳлате, ки барои бартараф кардани зарари назаррас ё пешгирии таҳдиди чунин зарар заруранд, андешида мешаванд ва ѓайра;

- дар асоси таҳлили динамикаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва бозории таъсиррасон муайян ва

арзёбӣ гардида, таъсири афзоиши истеҳсоли дохилӣ ба коҳиши ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ дар сохтори фурӯши чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ асоснок карда шуд; маҷмуи чораҳои институтсионалӣ ва иқтисодии сиёсати неопротексионизми аграрӣ, ки ба ҳифзи бозори дохилӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таҳкими рақобатпазирии онҳо равона шудаанд, асоснок карда шуда, афзалиятҳои асосии онҳо дар рушди инфрасохтор, илм ва инноватсия, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо муайян гардиданд. Самтҳои стратегии рушди соҳа бо дарназардошти таъмини устувории бозори озуқаворӣ, коҳиш додани вобастагии воридотӣ, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунӣ ва васеъ намудани иқтидори содиротии маҳсулоти кишоварзӣ асоснок карда шудаанд;

- консепсияи муосири неопротексионизми кишоварзӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст, ки татбиқи танзими ҳамаҷонибаи давлатии бахши кишоварзиро бо истифодаи маҷмуи чораҳои ғайритарифии маҳдудкунанда пешбинӣ менамояд. Дар доираи консепсияи пешниҳодшуда самтҳои асосии коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, ҳифзи бозори дохилӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва механизмҳои амалисозии онҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- муайян ва асоснок карда шудааст, ки маҷмуи омилҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла вобастагӣ аз шароити табиӣ-иқлимӣ, хавфҳои истеҳсолӣ, сармояталабӣ, маҳдудияти захираҳои заминӣ ва ноустувории талаботу пешниҳод, маҳдудиятҳои объективии рақобатпазирии соҳаи кишоварзиро дар шароити бозори озод ба вуҷуд меоранд. Дар асоси ин хулоса зарурати татбиқи механизмҳои нави дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба принсипҳои сиёсати неопротексионизми аграрӣ такя менамоянд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

- дар асоси омӯзиш ва таҳлил асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи татбиқи чораҳои маъмурӣ ва иқтисодии дастгирии давлатии кишоварзӣ дар кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки мутобиқсозии унсурҳои самараноки сиёсати аграрии Ҷумҳурии Узбекистон ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун самти такмили механизмҳои дастгирии давлатии кишоварзӣ пешниҳод карда шавад;

- дар натиҷаи арзёбии гузаронидашуда муайян гардид, ки низоми дастгирии давлатии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои як қатор маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва иқтисодӣ буда, мутобиқати он ба самтҳои стратегии рушди соҳа нокифоя мебошад. Ин ҳолат истифодаи пурраи имкониятҳои дастгирии давлатиро барои тавсеаи истеҳсолоти ватанӣ, коҳиши вобастагии воридотӣ ва рушди инноватсионии соҳа маҳдуд менамояд. Аз ин рӯ, зарурати бозсамтгирии сиёсати давлатӣ ба ҳавасмандгардонии инноватсия ва рушди истеҳсолоти рақобатпазир асоснок шудааст; муайян карда шудаанд тамоюлҳо ва омилҳои асосии тағйирёбии маблағгузории буҷетӣ, инчунин шаклҳои мустақим ва ғайримустақими дастгирии давлатии кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои ҳама сатҳҳо.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот шаклҳои такмилёфтаи дастгирии давлатӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд, ки бо дарназардошти принсипҳои муносибатҳои бозорӣ ба истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, таҳкими таъминоти озуқаворӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии ҳамаи иштирокчиёни бозор мусоидат менамоянд;

- консепсияи муосири сиёсати неопротексионизми аграрӣ таҳия ва асоснок гардидааст, ки ҳамчун механизми ҳифзи истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ аз фишори рақобати воридотӣ баромад намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ, рушди устувори деҳот ва таҳкими амнияти озуқаворӣ замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз маҷмуи муқаррароти метологиву методие иборат аст, ки заминаи мукаммалгардонии масъалаҳои дастгирии давлатии фаъолияти истеҳсоливу иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсати воридотивазкунанда дар соҳаи таҳқиқшаванда мебошад. Инчунин, равиши институтсионалии татбиқи сиёсати неопротексионизми аграрӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад доираи васеи падидаҳо ва омилҳои ба ин равандҳо таъсиррасон муайян ва таҳлил карда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми идоракунии фаъолияти муносибатҳои иқтисодии беруна, ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти содиршаванда ва воридотивазкунанда, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи рушди бахши содиротӣ метавонанд корбурд гарданд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда ба такмили ташаккули босуръати татбиқи сиёсати воридотивазкунанда ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита дар худи ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, баррасии миқдори зарурии маводи дар ҷараёни таҳқиқот истифодашаванда, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф ва як қатор натиҷаҳои дигари қаблан бадастовардашуда дараҷаи эътимоднокии рисоларо инъикос менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

(6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мувофиқат мекунад: 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир; 3. Тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳамчун неруи ҳаракатдиҳандаи инкишофи робитаҳои умумиҷаҳонии истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, молиявию қарзӣ, илмию техникӣ, тиҷоратӣ ва ғайра; 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратиию иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; 18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ. Шакл ва усулҳои рақобат дар бахшҳои алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ; 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо; 26. Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Муаллиф дар тавсеаи асосҳои назариявию методологии сиёсати протексионистии давлат, такмили асосҳои институтсионалии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва муайян намудани механизмҳои самараноки татбиқи онҳо дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст. Ҳамзамон, дар натиҷаи омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати протексионистӣ омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди низоми институтсионалии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ муайян гардида, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар ин самт пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия шудаанд. Илова бар ин, муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худро дар як қатор конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори илмии пешниҳодгардида дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни ҶТ (солҳои 2020 - 2026), Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (солҳои 2020 - 2021), Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2022-2025), АИКТ (соли 2020-2026), Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2026), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (солҳои 2025) маъруза гардида, аз тарафи ширкаткунандагони онҳо мақбул дониста шудаанд.

Муқаррароти асосии назариявӣ, хулоса ва тавсияҳоеро, ки дар таҳқиқот асоснок карда шудаанд, дар фаъолияти амалии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ №2/8-1289 аз 27.12.2025с.) ва дар раванди таълим дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (санати татбиқ №80-1 Ф/А аз 21.12.2025с.) мавриди истифода қарор дорад.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудааст. Ҳаҷми умумии мақолаҳои нашршуда оид ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ 6,3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогири 126 номгӯй аст, иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 212 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 10 ҷадвал ва 9 расм мебошад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммият ва муҳиммияти илмии тадқиқот асоснок карда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологии он ошкор карда шуда, таҳлили асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маводи оморӣ ва дигар манбаъҳо оид ба масъалаи таҳқиқшаванда анҷом дода шудааст. Дар ин бахш инчунин мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот тартиб дода шуда, дурустии натиҷаҳои бадастомада баҳо дода шудааст, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ нишон дода шудааст, саҳми шахсии довталаб муайян карда шудааст, маълумот дар бораи озмоиш, ҷорӣ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсионӣ тавсиф карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия - “Асосҳои назариявию методологии сиёсати протексионистии давлат” тавсифу баррасии мазмун ва таҳаввули назарияи институтсионалии сиёсати протексионистӣ, омилҳои таъсиррасон ба сиёсати протексионистии давлат ва таҷрибаи хориҷии протексионизми давлатии кишоварзӣ зери омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дода шуда дар натиҷа муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назарраст дар қисмати мазкур, ноил гардидааст.

Ҳар як давлат дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва дар раванди ҳамгироии фаъол ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар баробари рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ, маҷбур аст низоми мукаммал ва пайвастаи сиёсати иқтисодиро ташаккул диҳад, ки ба воситаи он тавонад ҳам рушди дохилиро таъмин намояд ва ҳам аз таъсири омилҳои манфии беруна ҳифз шавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ иқтисодиёти кишварҳо торафт бештар ба ҳам вобаста мегардад ва ин вобастагӣ ҳам имкониятҳои нав ва ҳам хатарҳои ҷиддиро ба миён меорад. Аз як тараф, бозорҳои ҷаҳонӣ барои густариши содирот, ҷалби сармоя ва воридоти технологияҳои нав имконият фароҳам меоранд, аз тарафи

дигар бошад, давлатҳоро ба рақобати шадид, ноустувории иқтисодӣ ва вобастагии афзоянда рӯ ба рӯ месозанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар чунин вазъият давлатҳо бояд механизмҳо ва воситаҳои муассиреро истифода баранд, ки тавонанд устувории бозори дохилиро таъмин намоянд. Дар шароити таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазирии иқтисоди миллӣ нисбат ба таъсири омилҳои беруна меафзояд.

Бинобар ин вобаста ба муносибати давлат ба бозори дохилӣ ва рақобати байналмилалӣ ду модели асосӣ ҷудо карда мешавад. Модели ҳимоягароӣ истифодаи тадбирҳои гуногунро барои дастгирии истеҳсолоти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии дохилӣ пешбинӣ менамояд. Ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба фишори рақобати беруна мебошад. Баръакси он, модели савдои озод ба кам намудани монеаҳои тиҷоратӣ, осон намудани дастрасӣ ба бозорҳо ва рушди васеи муносибатҳои мубодилавии байналмилалӣ такя мекунад.

Ҳамин тариқ, интихоби байни моделҳои ҳимоягароӣ ва савдои озод аз шароити иқтисодӣ ва манфиатҳои миллии ҳар як давлат вобаста буда, заминаи назариявии он дар таълимот ва мактабҳои гуногуни афкори иқтисодӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии назарияҳои иқтисодии классикӣ барои дарки моҳият ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати тиҷоратии давлат аҳаммияти муҳим дорад.

Дар раванди таҳаввули таърихии афкори иқтисодӣ, назарияҳои классикӣ ва мактабҳои гуногун дар ташаккули сиёсати тиҷоратии давлатҳо нақши муҳим бозидаанд. Бо ташаббуси иқтисоддони маъруф Адам Смит, сиёсати иқтисодии даврахои асрҳои XVI-XVIII, ки бештар ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва танзими шадиди савдо нигаронида шуда буд, дар илми иқтисод ҳамчун меркантилизм маъруф гардид. Гарчанде ки дар илми муосир мафҳумҳои «меркантилизм» ва «протексионизм» пурра яксон нестанд ва ҳар кадом хусусиятҳои назариявии худро доранд, дар адабиёти таърихӣ онҳо аксаран ҳамчун падидаҳои ба ҳам наздик баррасӣ мешаванд, зеро ҳар ду ба тақвияти нақши давлат дар иқтисод ва афзалияти манфиатҳои миллӣ равона шудаанд.

Яке аз марҳилаҳои аввалини ташаккули ғояҳои ҳимоягароии иқтисодӣ ба давраи ҳукмронии меркантилизм мансуб аст. Дар ин давра савдои байналмилалӣ на танҳо ҳамчун воситаи мубодилаи мол, балки ҳамчун механизми таҳкими қудрати иқтисодии давлат баррасӣ гардид. Аз ин рӯ, андешаҳо оид ба дастгирии содирот, маҳдудсозии воридот ва иштироки фаъоли давлат дар муносибатҳои тиҷоратӣ тадриҷан заминаи назариявии протексионизмро ба вуҷуд оварданд.

Дар раванди рушди минбаъдаи афкори меркантилистӣ ин ғояҳо таҳаввул ёфта, аз ҷониби намояндагони меркантилизми баъдӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ такмил дода шуданд. Аз ҷумла, Т. Бондарчук, ҳамчун яке аз намояндагони ин ҷараён, ғояҳои тавозуни фаъоли тиҷоратиро инкишоф дода, захиракунии сармояро ҳамчун принсипи муҳимми афзоиши сарвати

миллӣ тавассути ҳавасмандгардонии содирот ва маҳдудсозии воридот баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, “...захиракунии сармояро ҳамчун принсипи муҳимми ғанигардонии мамлакат бо воситаи ҳавамандгардонии содирот ва маҳдудсозии воридот баррасӣ намудааст”[1, с.35]. Ба шумораи чораҳои асосии протексионизм дар ин давра боҷҳои баланди содиротӣ, маҳдудиятҳо дар воридоти намудҳои алоҳидаи маҳсулот, пешниҳоди субсидияҳои содиротӣ, гузаронидани сиёсати демпинг дар бозорҳои хориҷӣ ва коҳиш додани истифодаи молҳои воридотӣ дар бозори дохилӣ дохил мешуданд. Ғайр аз ин, аз “ҷониби тарафдорони ғояи меркантилизми баъдӣ татбиқи як қатор шаклҳои ғайримустақими ҳифзи бозори дохилӣ пешкаш гардиаанд, ки ба ташкили истеҳсолоти дохилии молҳо, ки пештар аз хориҷи кишвар ворид карда мешуданд, баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳавасмандгардонии экспансияи колониалӣ равона карда шудаанд” [2, с. 28]. Ташаккули асосҳои назариявии протексионизм бо давраи меркантелизм алоқаманд аст, ки дар доираи он ба ҳавасмандгардонии савдои хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодии давлат аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешуд.

Рушди назарияи иқтисодӣ бо бозбинии омилҳои некуаҳволии миллӣ ҳамроҳ буд. Дар давраи меркантилизм ба тиҷорати хориҷӣ аҳаммияти ҳалкунанда дода мешуд, дар ҳоле ки дар шароити муосир манбаи асосии рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолӣ истеҳсоли саноатӣ ҳисобида мешавад. Дар робита ба ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ мундариҷаи функсионалии сиёсати протекционизм ба таври назаррас васеъ шуд. Чунки «Ҷаҳонишавӣ маънои тақвияти вобастагии байниҳамдигарӣ ва таъсири амалан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ: иқтисод, сиёсат, идеология, иҷтимоӣ, фарҳанг, маориф ва илм, экология, амният, тарзи ҳаёт, худи шароити мавҷудияти тамаддунро дар назар дорад» [3, с. 14].

Ба ақидаи муаллиф, дар марҳилаи муосир протексионизм асосан ҳамчун фишанги дастгирӣ ва ҳимояи саноати ватанӣ аз рақобати номатлуби хориҷӣ баррасӣ карда мешавад, на ҳамчун воситаи афзоиши сармоя. “...Як қатор асосҳои фаъолияти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби меркантилистон муайян карда шуда буд, ки онҳо масъаларо оиди фоиданокии савдои беруна барои давлати аниқ дида баромада буданд” [4, с. 55].

Ин назария танҳо ба таҳлили таҷрибаи таърихии кишварҳои пешрафта такя намекунад, балки натиҷаи ҷамъбасти васеи афкори иқтисодии як қатор мутафаккирон ва амалдорони даврaҳои гуногун низ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ташаккули шакли мукаммали он аз ҷониби Лист, бисёр иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон дар асарҳо ва баромадҳои худ зарурати ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва маҳдуд кардани таъсири рақобати берунаро таъкид карда буданд.

Протексионизм -"тавре ки онҳо изҳор доштанд, ихтирои каллаҳои спекулативӣ нест, балки бо хоҳиши табиии миллатҳо ба ҳифзи худ ва

таъмини некуаҳволӣ ва шукуфоии онҳо ё барқарор кардани ҳукмронии онҳо бар миллатҳои дигар ба вуҷуд омадааст"[5, с.25].

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ сиёсати протексионистӣ яке аз воситаҳои муҳими танзими давлатии савдои хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ба ҳисоб меравад. Самаранокии татбиқи чунин сиёсат аз сатҳи ташаккул ва фаъолияти институтҳои давлатӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, истифодаи воситаҳои иқтисодӣ ва ҳамоҳангии онҳо бо талаботи созмонҳои байналмилалӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, барои дарки робитаи байни унсурҳои асосии сиёсати протексионистӣ ва муайян намудани нақши онҳо дар танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, сохтори институтсионалии он дар шакли расм пешниҳод карда шудааст (расми 1).



Расми 1. - Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Тавре ки аз расми 1 бармеояд, сиёсати протексионистии давлат ба маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд такя мекунад. Асосҳои назариявӣ самтҳои асосии ташаккули сиёсати протексионистиро муайян намуда, асосҳои институтсионалӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдорро дар самти танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ инъикос менамоянд. Дар навбати худ, асосҳои ҳуқуқӣ заминаи меъёрии татбиқи чораҳои протексионистиро таъмин мекунанд. Ҳамгироии ин унсурҳо имконият медиҳад, ки воситаҳои тарифӣ, ғайритарифӣ ва шаклҳои гуногуни дастгирии давлатӣ самаранок истифода гардида, ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ амалӣ гарданд.

Ба андешаи муаллиф, робитаи мантиқии байни заминаҳои назариявӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқии сиёсати протексионистиро инъикос намуда, метавонад ҳамчун модели консептуалии таҳқиқот барои арзёбии самаранокии танзими давлатии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

Дар шароити муосир рушди кишоварзӣ зери таъсири омилҳои зиёде, ки ҳам бо дигаргуниҳои бозори дохилӣ ва ҳам бо омилҳои беруна, ки пеш аз ҳама бо равандҳои умумии ҷаҳонишавӣ тавсиф мешаванд, амалӣ карда мешавад. Дар гурӯҳи ин омилҳо протексионизми аграрӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт сиёсати протексионистии давлат таҳти таъсири маҷмуи омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбад. Ин омилҳо на танҳо интихоби воситаҳои танзими давлатии воридоти маҳсулоти кишоварзиро муайян мекунанд, балки ба самаранокии татбиқи онҳо низ таъсири бевосита мерасонанд. Аз ҷумла, вазъи иқтисодӣ, сатҳи рушди институтҳои давлатӣ, муҳити сиёсӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ ва дараҷаи таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи омилҳои асосие мебошанд, ки самтҳои сиёсати протексионистиро муайян менамоянд.

Омили муҳими дигар дараҷаи таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Буҳронҳои иқтисодӣ, иқлимӣ ва геополитикӣ таъмини устувори аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавориро ба масъалаи стратегии миллӣ табдил медиҳанд. Дар чунин вазъ давлат метавонад бо мақсади дастгирии истеҳсоли дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва нигоҳ доштани устувории бозори озуқаворӣ чораҳои иловагии протексионистиро татбиқ намояд.

Бо мақсади инъикоси робитаи байни ин омилҳо ва нишон додани таъсири онҳо ба сиёсати протексионистии давлат, расми зерин таҳия шудааст (расми 2).



Расми 2.- Омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи сиёсати протексионистии давлат дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ

Сарчашма: дар асоси омузиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Тавре ки аз расми 2 бармеояд, сиёсати протексионистии давлат дар натиҷаи таъсири ҳамзамони омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, сиёсӣ ва беруна ташаккул меёбад. Омилҳои иқтисодӣ, аз қабили сатҳи истеҳсолоти

дохилӣ, ҳаҷми воридот, таваррум ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, зарурати татбиқи тадбирҳои ҳифозатиро муайян менамоянд. Омилҳои институтсионалӣ ба сатҳи рушди қонунгузорӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамоҳангии институтҳои танзимкунанда вобаста буда, имконияти татбиқи босамари сиёсати протексионистиро фароҳам меоранд.

Дар баробари ин, омилҳои сиёсӣ ва беруна, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, талаботи Созмони ҷаҳонии савдо ва тағйирёбии вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ, ба интихоби воситаҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз ин рӯ, самаранокии сиёсати протексионистӣ аз ҳамоҳангии ин омилҳо ва мутобиқсозии онҳо ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ вобастагии мустақим дорад.

Протексионизми аграрӣ шакли соҳавии протексионизмро ташкил медиҳад, онро бояд ҳамчун зерсистемаи системаи танзими давлатии иқтисодиёт дар маҷмуъ ва аз ҷумла бахши агросаноатӣ баррасӣ кард. «...Дар даврони ҳукмронии равиши либералӣ ба тиҷорати хориҷӣ ва рақобат, аз ҷумла дар бахши аграрӣ, ки ба ҳама гуна зуҳуроти чораҳои муҳофизатӣ, ки амали механизми бозорро душвор мегардонад, муқобилат мекунад, масъалаҳои таҳияи на танҳо чорабиниҳои алоҳидаи протексионизми аграрӣ, балки консепсияи илмӣ-асосноки он, ки ба шароити муосири хоҷагидорӣ мувофиқ аст, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд» [9, с.96]. Бо ин назардошт, протексионизми аграрӣ маҷмӯи механизмҳои танзими давлатӣ мебошад, ки ба ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ҳифзи бозори дохилии кишоварзӣ, тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ ва таҳкими иқтидори истеҳсоливу содиротии соҳа равона гардидааст. Самаранокии онҳо аз ҳамоҳангсозии дастгирии буҷетӣ бо воситаҳои танзими бозори аграрӣ вобаста буда, метавонад барои таҳкими устувории молиявӣ, навсозии базаи моддию техникӣ ва рушди иқтидори истеҳсолии соҳа замина фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, протексионизми аграрӣ бояд ҳамчун унсури таркибии низоми танзими давлатии иқтисодиёт баррасӣ шуда, ҳадафи он танҳо маҳдуд намудани воридоти маҳсулоти хориҷӣ набошад. Он бояд ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳифзи соҳаҳои стратегӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои деҳот равона гардад. Аз ин нуқтаи назар, протексионизми интихобӣ ва мақсаднок нисбат ба ҳимояи умумӣ ва бемаҳдуди бозори дохилӣ ба талаботи иқтисоди муосир бештар мувофиқат менамояд. Бо дарназардошти чунин вазифаҳои бисёрҷанба, зарурати такмили сиёсати протексионизми аграрӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Зеро татбиқи самараноки чунин сиёсат танҳо дар сурати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда, фароҳам овардани муҳити мусоиди иқтисодӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи истеҳсолкунандагони ватанӣ имконпазир аст.

Ҳоло дар соҳаи кишоварзӣ мушкилоти зиёде мавҷуданд, аммо дар тамоми гуногунии онҳо ба вуҷуд овардани шароити муътадили иқтисодӣ дар

деҳот ва ташаккули чунин механизми дастгирии давлатӣ сазовори ҳалли фаврии он қодир аст, ки бахши аграриро ба баланд бардоштани пайдарпайи сатҳи рушд расонад. “Барои ҳалли ин мушкилот ва расонидани кумак аз ҷониби давлат, пеш аз ҳама, арзёбии умумии вазъи соҳа аз давраи ислоҳоти аграрӣ зарур аст. Бояд қайд кард, ки ислоҳоти беандеша кишоварзиро дар марҳилаҳои аввали татбиқи онҳо ба системаи пардохтпазир табдил дод, ки суръати раванди такрористеҳсолкуниро дар соҳа ба таври назаррас коҳиш дод” [10, с.132].

Чорабиниҳои соҳаи кишоварзӣ бо он муҳим аст, ки онҳо таҷрибаи мувозинати манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни истеҳсолкунандагонро тавассути дахолати давлат ифода мекунанд.

“Мақсад ҳимояи манфиатҳои кишвар дар самти ташкилу танзими воридоту содироти мол, кам кардани хароҷот оид ба хизматрасонии ин раванд, ба даст овардани имтиёзҳо, мусоидат ба фоиданокии фурӯши молу маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад. Сол то сол зиёд шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ ва зарурати танзиму ташаккули муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлатиро тақозо намуд” [6, с. 22].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ сиёсати протексионистӣ яке аз воситаҳои муҳими дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ ба ҳисоб меравад. Кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ, захираҳои мавҷуда ва афзалиятҳои миллӣ аз воситаҳои гуногуни танзими давлатии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, татбиқи тарифҳои гумрукӣ, ҷорӣ намудани квотаҳо, пешниҳоди субсидияҳо ва амалисозии чораҳои санитариву фитосанитарӣ аз воситаҳои маъмултарини сиёсати протексионистӣ ба ҳисоб мераванд. «Сиёсати протексионистӣ дар асоси барномаи махсуси стратегии давлатҳои миллӣ бо мақсадҳои муайяни соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба эътибор гирифтани тарафҳои манфии шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ пеша гирифта мешавад. Самаранокии тамоюли мазкур аз он вобаста аст, ки давлат барои фаъолияти озоди субъектони дохилии иқтисодӣ ва истеҳсолӣ шароити бехтару хубтареро фароҳам оварад» [7, с. 176].

Бо мақсади муқоисаи таҷрибаи як қатор кишварҳо дар ин самт, ҷадвали 1 таҳия гардидааст.

Ҷадвали 1.- Таҷрибаи кишварҳои алоҳида дар татбиқи сиёсати протексионистии кишоварзӣ

Кишвар	Воситаҳои асосии протексионизм	Ҳадафи асосӣ	Натиҷа
ИМА	Субсидияҳо, суғуртаи кишоварзӣ	Дастгирии фермерон	Баланд шудани рақобатпазирӣ
Иттиҳоди Аврупо	Сиёсати ягонаи кишоварзӣ (САР), субсидияҳо	Амнияти озуқаворӣ	Рушди устувори истеҳсолот
Чин	Боҷҳои гумрукӣ, квота, дастгирии давлатӣ	Худкифоӣ аз маҳсулоти стратегӣ	Афзоиши истеҳсоли дохилӣ

Идомаи ҷадвали 1			
Ҳиндустон	Нархҳои кафолатнок, субсидияҳо	Дастгирии деҳқонон	Баланд шудани даромади истеҳсолкунандагон
Ҷумҳурии Тоҷикистон	Боҷҳои гумрукӣ, имтиёзҳо, назорати фитосанитарӣ	Ҳифзи бозори дохилӣ	Рушди тадриҷии истеҳсолоти миллӣ

Сарчашма: дар асоси омузиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки сарфи назар аз фарқияти сатҳи рушди иқтисодӣ ва хусусиятҳои низоми идоракунӣ, аксари кишварҳо барои ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз маҷмуи воситаҳои протексионистӣ истифода мебаранд. Таҷрибаи ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва Ҳиндустон собит менамояд, ки самаранокии сиёсати протексионистӣ на танҳо аз ҳаҷми дастгирии давлатӣ, балки аз мавҷудияти институтҳои самараноки идоракунӣ ва заминаи мукаммали ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи унсурҳои мусбати таҷрибаи байналмилалӣ метавонад барои такмили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ аҳаммияти муҳим дошта бошад.

Танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар иқтисоди бозорӣ истифодаи маҷмӯи воситаҳои протексионистиро тақозо менамояд, ки ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ ва рушди иқтидори аграрии кишвар нигаронида шудаанд. Дар ин замина, моҳияти протексионизми аграрӣ пеш аз ҳама дар ташаккули муҳити мусоиди иқтисодӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ифода ёфта, ба таъмини даромаднокии қобили қабул, кафолати бозори фурӯш барои маҳсулоти истеҳсолшуда ва дастгирии равандҳои навсозии истеҳсолот амалӣ карда мешавад.

Сиёсати протексионизми аграрӣ барои ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ аҳамияти муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, истифодаи аз ҳад зиёди чораҳои протексионистӣ метавонад ба маҳдуд гардидани робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ ва коҳиши имкониятҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар оварда расонад.

Аз ин рӯ, сиёсати давлатии аграрӣ бояд бо дарназардошти тамоми омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла талаботи бозори ҷаҳонӣ, имкониятҳои истеҳсолии кишвар ва зарурати ҳамкории байналмилалӣ таҳия гардад. Танҳо дар асоси чунин муносибати мутавозин метавон рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии онро таъмин намуд.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ - “Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати рушди истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муаллиф бо таҳлили рушди кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун асосҳои таъминоти озуқавории аҳолии кишвар, тамоюли рушди маҳсулоти воридотии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳодиҳии сатҳи маҳсулоти воридотию содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Кишоварзӣ дар иқтисодиёти ҳар як кишвари ҷаҳон яке аз соҳаҳои калидӣ ва стратегӣ ба ҳисоб меравад ва аҳаммияти он дар шароити муосир, вобаста ба таҳаввулоти иқтисоди ҷаҳонӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим ва

ноустувории геополитикӣ, тадриҷан бештар мегардад. Аҳамияти ин соҳа танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ маҳдуд намешавад. Нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори кишоварзӣ бо аҳаммияти он барои нигоҳдории суботи иқтисодию иҷтимоии давлат муайян мегардад. Баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ имконият медиҳад, ки устувории иқтисоди миллӣ тақвият ёфта, вобастагӣ аз омилҳои беруна коҳиш дода шавад.

Кишоварзӣ дар сохтори иқтисоди миллӣ мавқеи стратегӣ дошта, ҳамчун низоми ба ҳам алоқаманди истеҳсолӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ амал менамояд. Самаранокӣ ва устувории рушди он ба динамикаи рушди иқтисодиёт, сатҳи шуғл, амнияти иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ба некӯаҳволии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад.

Дар соли 2023 соҳаи кишоварзӣ дар миқёси ҷаҳонӣ бо як қатор мушкилоти мураккаб ва ба ҳам вобаста рӯ ба рӯ гардид, ки онҳо ҳам хусусияти иқтисодӣ ва ҳам экологӣ ва иҷтимоӣ доштанд. Ҳамзамон, дар бисёр бозорҳои ҷаҳонӣ ноустувории нархи маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида шуд, ки ин ҳолат ба даромади деҳқонон ва суботи бозорҳои дохилӣ таъсири манфӣ расонд.

Дар шароити афзоиши талабот ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз, нақши таҳқиқоти таҳлилӣ дар асоснок намудани қарорҳои стратегӣ ва идоракунӣ торафт бештар мегардад. Зеро қабули қарорҳои самаранок дар соҳаи кишоварзӣ ба мавҷудияти иттилооти дақиқ, арзёбии воқеии вазъи соҳа ва пешгӯии тағйироти эҳтимолӣ вобастагии зич дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани афзалиятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва такмили механизмҳои истифодаи самараноки захираҳои замин, об, меҳнат ва сармояро ташаккул диҳанд, равандҳои истеҳсолиро такмил дода, сифати маҳсулот ва сатҳи рақобатпазирии онро баланд бардоранд. Самаранокии чунин чораҳо бояд бо дарназардошти маҷмӯи натиҷаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ муайян карда шуда, ба принсипҳои рушди устувор мутобиқ бошад.

Дар асоси маълумоти расмии омори давлатӣ муайян карда шуд, ки дар соли 2023 соҳаҳои асосии кишоварзӣ нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолотро мустаҳкам намуда, ҳатто аз рӯи баъзе намудҳои маҳсулот бартарӣ доранд. Дар соли 2023 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 63 миллиард сомониро дар муқоиса бо 41,4 миллиард сомонӣ дар соли 2017 ташкил дод. Ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи таҳлилшаванда аз 29,5 то 43,3 миллиард сомонӣ афзуда, маҳсулоти чорводорӣ аз 11,8 то 19,6 миллиард сомонӣ афзудааст (расми 3).



Расми 3. - Динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.275.

Дар ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқавории кишоварзӣ тамоюли афзоиш дорад. Дар соли 2024 ғалла ба ҳар сари аҳолӣ 174,1 кг истеҳсол карда шуд, ки дар муқоиса бо соли 2019 беш аз 14,3 % зиёд шудааст. Истеҳсоли картошка ба ҳар сари аҳолӣ низ 12,6 %, сабзавот – 34,0 %, полезӣ – 44,6 %, мева ва буттамеваҳо -54,0 %, гӯшт – 35,1, шир – 4,4 %, тухм – 2,0 маротиба афзудааст (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ, кг

	2019	2020	2021	2022	2023	2024	Соли 2024 нисбат ба соли 2019 бо %
Ғалладона	152,2	165,0	161,8	175,0	172,3	174,1	114,3
Картошка	107,9	108,7	106,2	109,6	112,4	121,6	112,6
Сабзавот	236,7	263,5	264,9	272,0	297,2	317,2	134,0
Полезӣ	76,1	80,5	83,5	84,4	99,2	110,1	144,6
Меваҳо ва буттамеваҳо	51,4	49,7	45,3	51,3	65,2	79,2	154,0
Ангур	26,8	25,4	27,3	30,2	18,7	27,9	104,1
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	14,8	16,0	16,7	17,5	19,6	20,0	135,1
Шир	108,5	108,5	106,3	106,6	109,8	113,3	104,4
Тухм, дона	78,7	104,5	107,4	121,4	120,2	121,7	154,6

Манбаъ: Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, саҳ. 15.

Афзоиши устувори нишондиҳандаҳои истеҳсолот, шумораи чорвои кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар вазни кушта 2,1 маротиба афзоиш ёфт Дар муқоиса бо соли 2019 афзоиши истеҳсоли чорво ва паранда барои забҳ дар якҷоягӣ бо муқоисаи тағйирёбии шумораи саршумор имкон медиҳад, ки афзоиши истеҳсолот пеш аз ҳама бо афзоиши забҳи ҳайвонот ба гӯшт таъмин карда шавад, на бо афзоиши ҳосилнокӣ (ҷадв. 3).

Ҷадвали 3. - Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорводорӣ

Нишондиҳандаҳо	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**Соли 2024 нисбати соли 2019 бо %**
Гӯшт (бо вазни чорвои кушта), ҳаз. т.	136,3	150,1	179,1	190,8	239,2	399,2	292,8
Шир. ҳаз. т	1000,6	1020,9	1042,6	1064,2	1118,5	1177,3	117,6
Тухм, млн дона	725,7	983,1	1053,5	1212,2	1223,7	1265,5	174,3

Манбаъ: Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, саҳ. 282-290.

Дар давраи таҳлилшудаи истеҳсолот шир аз 983,0 то 1177,3 ҳазор тонна ё 19,7 % афзуд. Истеҳсоли тухм бо суръати кайҳонӣ афзоиш ёфт: зиёда аз 3,6 маротиба афзуд. Ин дар натиҷаи рушди парандапарварии саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба амал омад.

Бояд қайд кард ки натиҷаҳои фаъолияти соҳаи растанипарварӣ дар соли 2024 инчунин дар афзоиши устувори истеҳсоли ғалла, картошка, сабзавот, полезиҳо ифода ёфтаанд. Муқоисаи ҳаҷми умумии ҷамъоварии маҳсулот бо масоҳати кишт нишон медиҳад, ки сустшавии суръати афзоиши истеҳсоли ғалладона асосан ба коҳиши ночизи ҳосилнокии зироатҳо вобаста мебошад, зеро масоҳати кишти ғалладона дар ин давра тамоюли афзоишро нигоҳ доштааст.

Истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ яке аз меъёрҳои муҳимми муайянкунандаи сатҳи таъминоти озуқавории кишвар ба шумор меравад. Ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки ҳолати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ, дараҷаи худтаъминкунӣ ва сатҳи вобастагии кишвар аз воридоти маҳсулоти ғалладона арзёбӣ карда шавад. Ғалладона дар низоми истеҳсолоти аграрӣ аҳаммияти стратегӣ дошта, ҳамчун манбаи асосии ғизо барои аҳолӣ ва воситаи муҳимми таъмини чорводорӣ бо хӯроки мутамарказ баромад менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ аз 152,2 кг дар соли 2019 то 174,1 кг дар соли 2024 расидааст. Афзоиши ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани имкониятҳои истеҳсолии соҳаи ғаллапарварӣ ва тақвияти заминаҳои таъмини дохилии бозори озуқаворӣ шаҳодат медиҳад.



Расми 4. - Таносуби минтақаҳо дар ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиёиҳо

Манбаъ: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - С. 134.

Тавре ки аз расми 4 бармеояд, истеҳсолкунандагони асосии ғалладонагиҳо вилояти Хатлон мебошанд, минтақа зиёда аз 61% тамоми ғалладонагиҳои ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Ин натиҷа аҳаммияти калон дорад, зеро агар истеҳсоли ғалла дар кишвар ба сатҳи муайяни ҳадди ақал расад, кишвар метавонад на танҳо талаботи худро ба маҳсулоти аз ғалла коркардшуда таъмин намояд, балки соҳаи чорводориро низ дастгирӣ кунад, чунки ғалла яке аз манбаъҳои муҳимми ғизои серғизо барои чорво мебошад.

Ҳамин тавр, истифодаи самараноки имкониятҳои истеҳсолии минтақаҳои кишвар метавонад яке аз омилҳои асосии таҳкими иқтидори дохилии соҳаи кишоварзӣ ва густариши равандҳои ивазкунии воридот гардад. Дар ин замина, натиҷаҳои мусбати ивазкунии воридот дар бахши кишоварзӣ дар васеъ гардидани номгӯйи маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва баланд бардоштани сатҳи таъминоти озуқавории аҳолӣ инъикос меёбанд. Дар солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот аз 35 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи аз ҳама зиёд ба нахи пахта (6,5 миллиард сомонӣ), маҳсулоти трикотажӣ (3,5 миллиард сомонӣ), нону маҳсулоти нонпазӣ (3,3 миллиард сомонӣ), орд (2,9 миллиард сомонӣ), тухм (1,6 миллиард сомонӣ), нӯшокиҳои спиртӣ (1,3 миллиард сомонӣ), равғани растанӣ, инчунин меваю сабзавоти консервшуда (ҳар кадоме 0,5 миллиард сомонӣ).

Таҳлили динамикаи истеҳсоли кишоварзӣ аз рушди устувори он шаҳодат медиҳад. Ҳамин тавр, дар солҳои 2015-2023 ҳаҷми умумии истеҳсолот дар ифодаи арзиш қариб 1,8 маротиба афзуд ва суръати миенаи солонаи афзоиш 7,2 % (ҷадв.4).

Ҷадвали 4. - Индекси маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (дар тамоми категорияҳои иқтисодиёт бо нархҳои муқоисашаванда соли 2023, бо фоизи соли гузашта)

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Ҳамагӣ	106,8	104,0	107,1	108,8	106,6	108,0	109,0
Аз он ҷумла							
растанипарварӣ	106,8	107,4	103,4	107,8	108,2	105,9	107,7
чорводорӣ	105,6	105,3	105,7	110,5	108,4	108,7	114,1

Сарчашма: Маҷмуаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с.175.

Муаллиф қайд мекунад, ки динамикаи мусбати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рушди пешрафтаи ин бахш шаҳодат медиҳад. Дар айни замон, ноустувории солонаи ҳаҷми истеҳсолот аз дараҷаи доимии ноустуворӣ ва осебпазирӣ ба омилҳои беруна дар кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Афзоиши назаррастарин дар бахши давлатӣ мушоҳида шуд: дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсолот дар он ҷо нисбат ба соли 2017 3,3 маротиба зиёдтар буд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки истеҳсолкунандагони асосии кишоварзӣ мебошанд, он 1,4 маротиба, дар ҳоле ки дар қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ танҳо 1,2 маротиба афзоиш ёфтааст (расми 5).



Расми 5. - Динамика ва сохтори маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз рӯи намудҳои хоҷагидорӣ (млн. сомонӣ, бо нархҳои муқоисавии соли 2021)

Ҳисоб карда шудааст дар асоси: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ), 2023, саҳ. 16.

Таҳлили муаллиф дар бораи сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ барои солҳои 2017-2024 тағйиротро дар тахассуси соҳавии бахши кишоварзӣ нишон медиҳад. Аз рӯи арзиш, истеҳсоли зироатҳо дар соли 2017 тақрибан 71%-и ҳаҷми умумии истеҳсолотро ташкил медод ва то соли 2024 ин рақам қариб ба 68% расид (расми 6), ки динамикаи тағйироти сохториро дар соҳаи кишоварзӣ инъикос мекунад.



Расми 6. - Сохтори умумии истеҳсолот дар бахши кишоварзӣ, бо фоиз нисбат ба ҳаҷми умумӣ аз рӯи арзиш

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023 сол, с.275.

Муаллиф муайян кардааст, ки тағйироти сохторӣ дар ихтисоси истеҳсоли аграрӣ аз соли 2019 зоҳир шудааст, вақте ки ташкилотҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба растанипарварӣ равона карда шуданд. Тадбирҳои андешидашуда ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, аз ҷумла маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, ки қаблан ворид карда мешуданд, мусоидат карданд. Дар айни замон, тақрибан 30% ҳаҷми умумии истеҳсоли кишоварзӣ дар ифодаи табиӣ ба чорводорӣ рост меояд.

Ба ақидаи муаллиф, тадбирҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи аграрӣ бояд на танҳо ба рушди соҳаҳои алоҳида ва ҳалли вазифаҳои берун аз иқтисодӣ, балки ба таъмини амнияти озуқаворӣ низ равона карда шаванд. Дар ин ҳолат таҳлили истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоӣ мувозинати нокифояи онро дар байни аҳолии ҷумҳурӣ нишон медиҳад (ҷадв. 5).

Ҷадвали 5. - Маълумот дар бораи динамика ва ҳаҷми истеъмоли гурӯҳҳои алоҳидаи хӯрокворӣ аз ҷониби шахрвандон

Гурӯҳи маҳсулот	Ҳаҷми воқеии истеъмол, кг дар як сол		Ҳаҷми истеъмоли тавсияшуда, кг дар як сол		Дуршавӣ аз меъёри миёнаи тавсияшаванда, дар %	
	2020	2023	минималӣ	меъёри ҳадди ақал	2020	2023
Маҳсулоти нонпазӣ	119	116	95	105	19,0	16,0
Картошка	96	86	95	100	-1,5	-11,8
Сабзавот ва полезӣ	102	107	120	140	-21,5	-17,7
Мева ва буттамева	59	61	90	100	-37,9	-35,8
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	71	76	70	75	-2,1	4,8
Шир ва маҳсулоти ширӣ	243	240	320	340	-26,4	-27,3
Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ	25	20	18	22	25,0	0,0
Ҷамъ	715	706	808	882	-15,4	-16,5

Сарчашма: дар асоси омӯзиши меъёрҳои истеъмолӣ ва тавсияшуда тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, шахрвандони ҷумҳурӣ солҳои охир маҳсулоти нониро аз меъёри тавсияшуда хеле зиёдтар истеъмол мекарданд. Дар ҳама гурӯҳҳои дигари маҳсулот, истеъмолкунандагон аз меъёрҳои тавсияшуда ба сӯи истеъмоли камтар дур мешаванд. Ба ҳисоби миёна, шахрвандон нисбат ба тавсияҳои муқарраршуда барои ин гурӯҳҳои маҳсулот 15,4% камтар истеъмол кардаанд ва дар соли 2023 ин рақам боз 1% афзоиш ёфтааст, ки

динамикаи истеъмоли ин хӯрокҳои ҳаётан муҳим дар даҳ соли охир ҳадди аққал, вале манфӣ (-1,3 %) мебошад.

Аз таҳлилҳои муаллиф маълум мегардад, ки ҳангоми муқоисаи сохтори ғизои аҳолӣ бо меъёрҳои тавсияшудаи истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи маҳсулот номутавозунии назаррас ҷой дорад. Ин ҳолат аз фарқияти байни сатҳи воқеии истеъмол ва сохтори оптималии ғизои тавсияшуда шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, истеъмоли маҳсулоти нонӣ аз меъёри тавсияшуда боло буда, дар муқобил, истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ ва инчунин меваю буттамева мутаносибан 5 ва 2,5 фоиз аз сатҳи меъёрӣ камтар мебошад.

Дар айни замон, дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, дигаргунсозии саноатии соҳаҳои КАС, аз ҷумла кишоварзӣ ба амал меояд. Дар натиҷа, рушди иқтидори содиротии кишоварзӣ ба назар мерасад. Соли 2024 аз Тоҷикистон ба зиёда аз 26 кишвари хориҷӣ маҳсулоти кишоварзӣ содир карда шуд. Аз маҳсулоти кишоварзии содиротӣ 85 фоиз ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва 15 фоиз ба давлатҳои хориҷи дур рост меояд. Соли 2024 268,3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 226,7 миллион доллар содир карда шуд.

Дар байни мушкилоти асосии бездоштани содирот, норасоии инфрасохтори логистикӣ, мушкилоти транзитӣ ва коркарди нокифояи маҳсулот барҷастаанд. Дар Тоҷикистон марказҳои калони ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ҳосил мавҷуд нестанд. Ин интиқоли молҳои зудвайроншавандаро душвор мегардонад.

Иқтидори содиротии соҳаи меваю сабзавоти ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳими рушди аграрӣ ба ҳисоб меравад. Афзалияти асосии ин бахш дар мавҷудияти захираҳои дохилии истеҳсолӣ, таҷрибаи бисёрсолаи хоҷагиҳои кишоварзӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ ва логистикии ташаккулёфта, инчунин мавҷудияти бозорҳои анъанавии фурӯш дар кишварҳои ҳамсояи фазои пасошӯравӣ ифода меёбад.

Ҳалли мушкилоти содироти маҳсулоти кишоварзӣ асоснок кардани консепсияи "иқтидори содиротӣ"-ро талаб мекунад. Иқтидори содиротии кишоварзӣ дар минтақа ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад, ки дар расми 7 нишон дода шудаанд.



Расми 7. - Ҷузъҳои иқтидори содиротии соҳаҳои минтақа

Истифодаи самараноки иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ метавонад ба марҳилаи сифатан нави рушди комплекси агросаноатӣ замина гузорад. Самти содиротии истеҳсолот дар шароити муосир яке аз воситаҳои асосии модернизатсияи технологӣ, афзоиши самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва густариши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Татбиқи иқтидори содиротӣ марҳилаи нави рушди кишоварзӣ мебошад, ки дар он самти содиротӣ ҳамчун омили пешбарандаи навсозии комплекси агросаноатӣ, механизми рушди иқтисодӣ ва мустаҳкам кардани мавқеъ дар бозори ҷаҳонии агросаноатӣ мебошад. Ҷамъбаст ва систематизатсияи асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки хусусиятҳои асосии «самти содиротӣ», таҳлили назарияҳои асосии кушодагии иқтисодиёти кишварҳо, минтақаҳо, дарки қонуниятҳои равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди байналмилалӣ, мавҷудияти заминаҳои объективӣ имкон доданд, ки мақсаднокии рушди модели ба содирот нигаронидашудаи бозори маҳсулоти кишоварзӣ тавассути истифодаи самараноки иқтидори содиротӣ асоснок карда шавад (расми 8).

Сиёсати давлатӣ бояд ба дастгирии иқтидори содиротӣ, рушди пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои мавҷудаи хӯрокворӣ ва коркард, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда, пешбурди молҳои истеҳсолӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ ба бозорҳои хориҷӣ, ки массаи нави молӣ (аз ҷумла онҳое, ки арзиши иловагии баланд доранд), инфрасохтори тақсимоти молҳои ба содирот нигаронидашуда, бартараф кардани монеаҳои тиҷоратӣ (боҷӣ ва ғайрибоҷӣ) барои таъмини дастрасии маҳсулоти

кишоварзӣ ба бозорҳои мақсаднок ва эҷоди низоми пешбурд ва ҷойгиркунии маҳсулоти кишоварзӣ асос ёбад.



Расми 8. - Асосноккунии имконпазирӣ ва дурнамои самти содиротии кишоварзӣ [8, с. 61].

Тақвияти иқтидори содиротии кишоварзӣ аз такмили сиёсати давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодию институтсионалӣ оғоз мегардад. Дар баробари ин, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нави содиротӣ бо арзиши иловашудаи баланд, ташкили низоми муосири логистикӣ ва тақсимоти маҳсулот, коҳиши маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ва васеъ намудани ҳузури маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар бозорҳои мақсаднок бояд ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда шаванд. Барои ин ташаккули низоми ҳамоҳангшудаи маркетинг, брендинг ва пешбурди маҳсулоти аграрӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ зарур аст.

Ба ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин дар тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ бо истифода аз комбайнҳои сермаҳсул, технологияҳои дақиқи кишоварзӣ ва ғайра бояд диққати ҷиддӣ дода шавад. Истифодаи технологияҳои дақиқи кишоварзӣ омили асосии рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори ҷаҳонӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаи кишоварзӣ на танҳо аз афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, балки аз такмили сиёсати давлатӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, рушди инфрасохтори логистикӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ

вобастагии мустақим дорад. Амалӣ намудани ин тадбирҳо барои густариши имкониятҳои содиротӣ ва таҳкими мавқеи маҳсулоти кишоварзии миллӣ дар бозорҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар боби сеюм – "Мукаммалгардонии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муаммоҳои фаъолгардонии сиёсати институтсионалии протексионизм ва роҳҳои ҳаллии он дар вориди маҳсулотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030 пешниҳод гардидаанд.

Ҷаҳонишавӣ боиси ворид шудани молу маҳсулот бо сифати баланд ва нархи рақобатпазир ба бозорҳои миллӣ гардидааст, ки ин имконоти нав ва ҳамзамон таҳдидҳои ҷиддӣ барои иқтисодҳои хурду миёна ва бахусус бахши кишоварзӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит сиёсати протексионистӣ бояд ҳамчун василаи муҳим ва муассир барои ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ, махсусан маҳсулоти кишоварзӣ фаъол гардонида шавад, то ки бо роҳи ҷорӣ намудани чораҳои танзимӣ ва муҳофизатӣ истеҳсолкунандагон тавонанд дар бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти воридотӣ рақобат кунанд ва иқтисоди миллӣ устувор ва босуръат рушд намояд.

Дар ин замина таҳлили пешгӯии ҳаҷми воридоти озуқаворӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Бо мақсади таҳлили дараҷаи вобастагии иқтисодиёти аграрии кишвар аз маҳсулоти воридотӣ ва муайян намудани тамоюлҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои воридотӣ дар давраи таҳқиқоти, ҳаҷми воридоти гурӯҳҳои асосии мол тавассути маълумотҳои оморӣ таҳия гардида, дар ҷадвали 6 пешниҳод мегардад.

Ҷадвали 6. - Воридоти гурӯҳҳои алоҳидаи мол бо миллион доллари ИМА

Номгӯй/ солҳо	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022
Чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ	47,1	58	62,5	68,1	88,4	70	50,2	62,5	62,3	67,6	57,1	46,9	44,9
Маҳслоти растанӣ	220	289,3	392,8	384,9	408,5	383,2	318,3	264,9	240,3	305,4	351,2	387,5	478,9
Равғанҳо ва равғанҳои пайдоиши растанӣ ва чорво	72,8	88,2	90,5	94,2	102,5	96	92,1	93,7	83	106,4	114,4	148	172,8
Маҳсулоти хӯроквории тайёр, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, тамоку ва ғ.	152,5	214	234	258,2	291,7	243,2	190,6	216,8	232	277,5	295,2	390,2	458,2

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси фаъолияти тиҷорати хориҷӣ тартиб дода шудааст.

Барои арзёбии дурнамои рушди воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили коршиносӣ-мантиқӣ дар асоси маълумоти таърихӣ барои солҳои 2010-2022, тамоюлҳои афзоиши демографӣ ва тағйирот дар сохтори истеъмоли дохилӣ гузаронида шуд. Пешгӯӣ бар асоси омилҳои зерин тартиб дода шудааст:

- афзоиши устувори шумораи аҳолӣ (то соли 2030 то 11,7 миллион нафар);
- тадриҷан урбанизатсия ва тағйир додани одатҳои хӯрокхӯрӣ;
- имкониятҳои маҳдуди истеҳсоли дохилӣ дар категорияҳои алоҳидаи маҳсулот;
- рушди саноати коркард ва барномаи ивазкунии воридот;
- тағйироти конъюнктураи иқтисодии хориҷӣ ва динамикаи нархҳо дар бозори ҷаҳонии озуқаворӣ.

Ҷадвали 7. - Пешгӯӣ воридоти гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо то соли 2030

Категорияи маҳсулот	Дар соли 2022, млн.долл.	Пешгӯӣ барои соли 2030, млн. долл.	Тағйирот, %
Маҳсулоти чорводорӣ	44,9	50	+11%
Маҳсулоти растанӣ	478,9	630	+32%
Равғанҳо ва равғанҳои пайдоиши растанӣ ва чорво	172,8	210	+22%
Хӯрокҳои тайёр, нӯшокиҳо, тамоку ва ивазкунандаи он	458,2	540	+18%
Дар маҷмуъ аз рӯи озуқаворӣ	1 154,8	≈1 430–1 500	+25–30%

Ҳисоби муаллиф.

То соли 2030 ҳаҷми умумии воридоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба 1,5 млрд доллари ИМА расад, ки аз сатҳи соли 2022 25-30 % баландтар аст. Афзоиши асосӣ маҳсулоти растанӣ ва маҳсулоти хӯроквории тайёрро таъмин мекунад, ки ҳиссаи онҳо аз се ду ҳиссаи воридоти умумӣ зиёд аст. Бо вуҷуди талошҳо барои рушди кишоварзии дохилӣ, вобастагии воридотӣ дар соҳаи озуқаворӣ, хусусан дар мавқеъҳои ғалладона ва равғанӣ баланд боқӣ мемонад. Татбиқи барномаҳои ивазкунии воридот ва дастгирии коркарди агро қодир аст афзоиши воридотро коҳиш диҳад, аммо онро пурра бартараф накунад. Ҳаҷм ва сохтори воридот ба устувории рушд, робитаҳои сиёсати хориҷӣ ва тамоюлҳои ҷаҳонии нархҳои озуқаворӣ таъсир мерасонанд.

Барои пешгӯӣ маълумоти оморӣ дар бораи ҳаҷми воридот аз рӯи гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ барои солҳои 2010-2022, инчунин нишондиҳандаҳои демографӣ (шумораи аҳолӣ) истифода шуданд. Бо назардошти вобастагии талаботи бозори дохилӣ ба шумораи истеъмолкунандагон, шумораи аҳолӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини шарҳдиҳандаи тағйирёбии ҳаҷми воридоти маҳсулоти озуқаворӣ интихоб карда шуд. Ҳамин тариқ, фарзияи асосии пешгӯӣ чунин ифода карда мешавад:

$$I_t = f(P_t) \quad (1)$$

дар инҷо I_t-ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар соли t;

P_t шумораи аҳолӣ дар як сол t.

Барои арзёбии тамоюли миқдорӣ, тақрибан хаттии қатори динамикии воридот ва пешгӯии шумораи аҳолӣ то соли 2030 истифода шудааст. Дар асоси омор суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ r_p=1,7% ва суръати миёнаи афзоиши воридот барои солҳои 2010-2022 аз рӯи категорияҳо ҳисоб карда шудааст.

Сипас пешгӯии ҳар сол бо формулаи:

$$I_{t+1}=I_t\times(1+\alpha\cdot r_p) \quad (2)$$

дар инҷо α - коэффитсиенти ҳассосияти воридот ба афзоиши аҳолӣ, ки аз ҷониби коршиносон барои ҳар як гурӯҳи молҳо муайян карда шудааст.

Ҷадвали 8. - Натиҷаҳои коэффитсиенти α

Гурӯҳи маҳсулотҳо	Коэффисиент α	Интерпретатсия
Маҳсулоти чорво	0,6	Вобастагии заиф, афзоиш бо истеҳсоли дохилӣ маҳдуд аст
Маҳсулоти растанӣ	1,2	Вобастагии баланд аз шумораи аҳолӣ
Чарбу ва равғанҳо	1,0	Таносуби мустақим байни талабот ва аҳолӣ
Маҳсулоти тайёр	0,9	Афзоиши мӯътадил, бо унсури сершавӣ

Сарчашма: ҳисоби муаллиф.

Ҳамин тариқ, пешгӯӣ на танҳо афзоиши демографӣ, балки хусусиятҳои рафтори бозорро дар ҳар як категория инъикос мекунад.

Ҳисобҳои миқдорӣ бо таҳлили сифатии экспертӣ, ки ба муайян кардани тағйирёбии имконпазир аз тамоюли оморӣ равона шудааст, пурра карда шуданд. Дар доираи таҳлил омилҳои зерин ба назар гирифта шуданд:

- сиёсати давлатӣ оид ба амнияти озуқаворӣ ва ивазкунии воридот;
- рушди истеҳсолоти дохилии агросаноатӣ;
- тағйир додани сохтори истеъмол дар шароити урбанизатсия;
- тағйирёбии асъор ва маҳдудиятҳои иқтисодии хориҷӣ;
- муносибатҳои тиҷоратӣ бо шарикони асосӣ (Русия, Қазоқистон, Узбекистон).

«... Шарикони асосии Тоҷикистон дар соҳаи савдои хориҷӣ дар солҳои охир Россия, Қазоқистон, Чин, Швейтсария, Узбекистон ва Туркия маҳсуб мешаванд. Ба ҳиссаи ин мамлакатҳо тақрибан 80%-и ҳамаи гардиши мол рост меомад. Талаботи беруна ба молҳои содиротии ҷумҳурӣ ба дараҷаи бештар аз устувории рушди иқтисодиёти Швейтсария, Қазоқистон, Туркия ва Чин вобаста аст (ҳиссаи онҳо дар содироти молҳои мамлакат қариб 77%-ро ташкил медиҳад)» [6, с. 80].

Ҳар як омил аз рӯи миқёси таъсир (паст, миёна, баланд) баҳо дода шуд ва дар асоси арзёбии умумии онҳо арзишҳои пешбинишуда ислоҳ карда шуданд, масалан: α=1, пас воридот мутаносибан ба афзоиши аҳолӣ меафзояд (масалан, 1,7 % аҳолӣ →+1,7% воридот).

α > 1-воридот нисбат ба аҳолӣ тезтар меафзояд (афзоиши истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ, афзоиши даромад, урбанизатсия).

α<1-воридот нисбат ба аҳолӣ сусттар меафзояд (иваз кардани истеҳсоли дохилӣ, тағир додани парҳез ва ғ.). Барои ҳар сол ҳисоб кардан мумкин аст:

$$r_i = \frac{It-(It-1)}{It-1}, \quad (3)$$

$$r_p = \frac{Pt-(Pt-1)}{Pt-1}, \quad (4)$$

$$\alpha = \frac{r_i}{p_i}, \quad (5)$$

Яъне α = афзоиши нисбии воридот нисбат ба афзоиши аҳолӣ тақсим карда мешавад.

Дар асоси таҳлили оморӣ ва арзёбии динамикаи динамикаи демографӣ пешгӯӣ нишон медиҳад, ки воридоти маҳсулоти озуқавории Тоҷикистон то соли 2030 бо суръати миёнаи 25-30 фоиз афзоиш меёбад. Афзоиши асосӣ ба гурӯҳи маҳсулоти растанӣ ва маҳсулоти тайёр рост меояд, ки вобастагии баланд аз бозори хориҷиро инъикос мекунад. Ҳисобҳои иқтисодию математикӣ нишон медиҳанд, ки шумораи аҳолӣ омилҳои калидии афзоиши талабот ва воридот мебошанд, дар ҳоле ки иқтидори истеҳсолии дохилӣ онро пурра ҷуброн карда наметавонад. Аз ин рӯ, барои коҳиши вобастагии воридотӣ таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ, дастгирии саноати коркард ва амалӣ намудани сиёсати воридотивазкунӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Дар ин замина, татбиқи сиёсати протексионистӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими иқтисодӣ метавонад нақши калидӣ бозад. Дар доираи чунин сиёсат давлат метавонад бо истифода аз маҷмӯи воситаҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ ҳаҷм ва сохтори воридоти молҳои рақобаткунандаро танзим намуда, ҳамзамон барои рушди истеҳсолоти миллӣ ва таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори дохилӣ шароити мусоид фароҳам созад. Ҳадафи асосии чунин сиёсат на бастани бозор, балки таҳкими иқтидори рақобатпазирии соҳаҳои миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи пурраи механизмҳои протексионистӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурии самаранокӣ нарасидааст. Ин ҳолат бо як қатор омилҳо, аз ҷумла норасоии заминаи мустаҳками институтсионалӣ, маҳдудиятҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалии идоракунии ҷараёни воридоти маҳсулот вобаста мебошад. Дар натиҷа, зарурати такмили сиёсати давлатӣ дар самти танзими бозори дохилӣ ва ҳифзи истеҳсолоти кишоварзӣ ба миён меояд. Мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи протексионизм метавонад ба таҳкими амнияти озуқаворӣ, рушди устувори кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд (расми 9).



Расми 9. - Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулоти кишоварзии ҶТ

***Аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст.**

Мушкилоти институтсионалӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба татбиқи самараноки сиёсати протексионистӣ монеа эҷод мекунанд ва барои таъмини рушди устувор ва ҳифзи истеҳсолоти кишоварзии миллӣ зарур аст, ки механизмҳои татбиқи ин сиёсат бо назари васеъ ва ҳамоҳангшуда таҳия ва амалӣ гарданд.

Яке аз унсурҳои муҳими мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ дастгирии бевоситаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошад. Ин дастгирӣ бояд ба таври систематикӣ ва бо механизми шаффоф амалӣ гардад, ки боиси баландшавии иқтидори истеҳсолӣ ва сифати маҳсулот гардад.

Ҳамзамон, ҳамоҳангии байни ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти масъул барои амалӣ сохтани сиёсати протексионистӣ нақши муҳим дорад. Воридоти маҳсулот ва фаъолияти бозор бояд дар доираи як стратегияи ягона ва бо ҳамоҳангии мақомоти гумрук, андоз, кишоварзӣ ва тандурустӣ назорат карда шаванд. Ин ҳамоҳангӣ ба коҳиш додани фишорҳои бюрократӣ ва пешгирии ҳолатҳои фасод мусоидат хоҳад кард. Барои ин бояд як маркази мутамаркази идоракунӣ таъсис дода шавад, ки тавонад равандҳоро дар тамоми марҳилаҳои воридот ва тақсимот назорат кунад ва бо таври оперативӣ ба мушкилот ва таҳдидҳо посух гӯяд.

Ҳамчунин, рушди инфрасохтор ва логистика дар бахши кишоварзӣ нақши муҳим дорад, ки тавассути он маҳсулоти истеҳсолшуда метавонанд ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ сари вақт ва бо сифати баланди нигоҳдорӣ расонида шаванд. Инфрасохтори муосир, ки роҳҳои нақлиётӣ, анборҳои муосир, марказҳои коркард ва бастабандиро дарбар мегирад, имкон медиҳад, ки хароҷоти логистикӣ коҳиш ёбад ва рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш ёбад. Боиси таъкид аст, ки бе такмили инфрасохтор ва шароитҳои мусоид барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот,

ҳатто бо сиёсати протексионистии самаранок, рушди устувори бахши кишоварзӣ ғайримумкин хоҳад буд.

Ҷадвали 9. - Самтҳо, мушкилот ва тадбирҳо дар сиёсати протексионистии воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Самти асосӣ	Мушкилоти мавҷуда	Тадбирҳои пешниҳодӣ
1	Қонунгузорӣ ва танзим	Қонунҳои кӯҳна, набуди қонунҳои махсус	Таҳияи қонунҳои нав, ислоҳи меъёрҳои амалкунанда
2	Идоракунӣ ва институтсионалӣ	Норасоии ҳамоҳангӣ байни мақомот, фасод	Эҷоди маркази ҳамоҳангсози ягона, шаффофият
3	Технология ва рақамисозӣ	Набудани мониторинги онлайн, рақамисозии паст	Системаҳои электронии назорат ва маълумот
4	Дастгирии иқтисодӣ	Дастнорасии маблағгузорӣ, субсидияҳо	Барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок ва субсидияҳо
5	Инфрасохтор ва логистика	Анборҳои кӯҳна, роҳҳои вайрон	Рушди инфрасохтори логистикӣ ва нигоҳдорӣ
6	Кадрҳо ва малака	Норасоии омӯзиш, ихтисоси паст	Барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос
7	Ҷалби бахши хусусӣ ва ҷомеа	Иштироки кам, шаффофияти паст	Ҷалби ВАО, ҷомеа ва бахши хусусӣ ба сиёсати давлатӣ
8	Ҳамоҳангсозии байналмилалӣ	Таъсири шартномаҳои байналмилалӣ (СУС)	Мувофиқсозии сиёсати дохилӣ бо стандартҳои байналмилалӣ

Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Дар ин раванд, истифодаи механизмҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳои навоварона низ муҳим мебошад. Масалан, татбиқи усулҳои захира ва истифодаи оби самаранок, истифодаи тухмиҳои беҳтаршуда ва маводи мухаддирҳои экологӣ, ҳамчунин технологияҳои рақамӣ дар мониторинги кишт ва бемориҳо, ҳамаи ин метавонад ба беҳбуди истеҳсолот ва кам кардани таъсири манфии воридоти маҳсулоти пастсифат мусоидат кунад.

Механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ бояд ба рушди институти танзимкунанда ва мониторингӣ такя кунад. Дар умум, механизми мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ бояд комплексӣ бошад ва дар он тамоми ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамзамон ва ҳамоҳанг мавриди эътибор қарор гиранд. Танзим ва назорати қатъӣ, дастгирии истеҳсолкунандагон, истифодаи технологияҳои нав ва таълими кадрҳо, рушди инфрасохтор ва ҳамкории байналмилалӣ бояд якҷоя ба рушди устувори бахши кишоварзӣ ва ҳифзи иқтисоди миллӣ таъсир расонанд. Танҳо дар ин ҳолат Тоҷикистон метавонад бозори худро аз таъсири манфии рақобати ғайримусоид муҳофизат намуда, рушди босуботи кишоварзиро таъмин созад.

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҳамчун як низоми мукаммали ҳамгирошуда, бисёрсатҳӣ ва ҳамоҳангшуда таҳия ва татбиқ гардад, ки дар он ҳамаи унсурҳои сиёсати иқтисодӣ ба таври системавӣ бо ҳам алоқаманд карда мешаванд. Чунин консепсия бояд ҳам таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро ба инобат гирад ва ҳам ба хусусиятҳои

хоси иқтисоди миллӣ, сохтори истеҳсолот, сатҳи рушди соҳаҳо ва имкониятҳои воқеии кишвар мутобиқ бошад. Дар ин замина, консепсияи мазкур бояд як қатор ҷузъҳои калидиро дар бар гирад. Пеш аз ҳама, ташаккули заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ зарур аст, ки тамоми механизмҳои ҳимояи бозори дохилӣ, танзими воридот ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватаниро ба таври дақиқ ва шаффоф муайян намояд.

Инчунин, “консепсияи идоракунӣ бояд ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирад, то ки таъсири манфии эҳтимолии сиёсати протексионистӣ ба нарх ва сифати маҳсулот коҳиш ёбад ва рушди устувор таъмин гардад” [11, с. 94].



Расми 10. - Натиҷаҳои интизоршаванда аз тадбирҳои протексионистӣ

Сарчашма: дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ тартиб дода шудааст.

Идоракунии самаранок дар соҳаи протексионизм таъмини муколамаи фаъол байни ҳукумат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ҳамаи онҳо дар таъмини устувории бахши кишоварзӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ин замина, зарур аст, ки нақши ниҳодҳои мустақил ва ташаббускор барои мониторинг ва баҳогузорӣ ба кор банданд, ки ин ба баланд бардоштани шаффофият ва масъулиятнокии чораҳои протексионистӣ мусоидат менамояд.

Консепсияи идоракунӣ дар соҳаи протексионизм бояд ҳамчун яке аз рукнҳои асосии сиёсати аграрӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шавад, зеро он дар асл воситаи таъмини тавозуни оқилона байни ҳифзи манфиатҳои миллии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва талаботи бозори ҷаҳонӣ мебошад.

“...Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои муштарак роҳи муҳимтарини воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошанд. Таъсиси муҳити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва психологӣ дар кишвар барои рушди корхонаҳои муштарак на танҳо барои афзоиши шумораи онҳо, балки барои суръат бахшидан ба такрористеҳсоли сармояи

муштарак, баланд бардоштани рейтинги сармоягузории кишвар аҳаммияти муҳим дорад” [12, саҳ.138].

Идоракунии самаранок ва мукаммалгардонии сиёсати протексионистӣ наметавонад бидуни омезиши чораҳои гуногун ва ҳамоҳангсозии байни ниҳодҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ шавад. Ин раванд бояд бо таҳияи нақшаҳои стратегӣ, ҷадвалҳои амал ва масъулияти мушаххас барои ҳар як ниҳод ва ташкилот таҳким ёбад. Танҳо дар чунин шароит метавонад протексионизми воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 натиҷаҳои устувор ва мусбат ба бор оварад.

Дар ҳамин ҳолат, консепсияи идоракунии сиёсати протексионистӣ бояд ба рушди инсонӣ ва таълим низ аҳаммияти махсус диҳад. Таъмини омӯзиши касбӣ ва баланд бардоштани дониши фермерон дар самти истифодаи технологияи нав, усулҳои муосири агротехникӣ ва идоракунии бизнес барои пешбурди истеҳсолот зарур мебошад. Ин раванд метавонад тавассути барномаҳои омӯзишӣ, семинарҳо, курсҳои такмили ихтисос ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишоварзӣ ва марказҳои илмӣ амалӣ гардад. Бо ин роҳ, маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар шуда, тавонмандии рақобатпазирии фермерон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш меёбад. “Раванди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва савдои байналмилалӣ аз ҳолати рушди иқтисодиёт вобаста ба афзоиши бемайлони истеҳсолот аз доираи талаботи дохилии як кишвар берун баромада, зарурати ба хориҷа баровардани молу хадамот пайваста ба миён меояд” [13, с. 273].

Дар баробари рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии фермерон, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ низ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти хоса дорад.

Ҳамчунин, дар доираи консепсия бояд диққати махсус ба рушди инфрасохтори рақамӣ дода шавад. Таҳия ва татбиқи системаи иттилоотии ягона барои назорати вориди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили маълумотҳои бозор метавонад ба идораи самараноктар ва қабули қарорҳои оқилона дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ кӯмак расонад.

Дар баробари рушди инфрасохтори рақамӣ, танзими самараноки воридоти маҳсулоти кишоварзӣ низ яке аз самтҳои муҳими консепсияи мазкур ба ҳисоб рафта, бояд бо дарназардошти тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва истеъмолкунандагон амалӣ карда шавад. Сиёсати протексионистӣ бояд ба таъмини тавозуни байни ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон равона гардад. Аз ин лиҳоз, пешгирии рақобати нобаробар ва воридоти маҳсулоти арзон ё пастсифат бояд ҳамзамон бо таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти босифат ва нархҳои муътадил амалӣ карда шавад. Ин раванд танҳо бо истифодаи механизмҳои чандир ва ба шароити бозор мутобиқшуда имконпазир мегардад.

Аз ин рӯ, дар доираи консепсияи пешниҳодшаванда зарур аст, ки механизмҳои мушаххаси ҳамоҳангсозии байниидоравӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Ҳадафи асосии чунин консепсия бояд фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди дарозмуддати бахши кишоварзӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва ҳимояи манфиатҳои стратегии истеҳсолкунандагони ватанӣ бошад. Дар натиҷа, татбиқи пурра ва пайгиронаи Консепсияи идоракунӣ ва самаранокии сиёсати протексионистӣ бо дарназардошти маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва институтсионалӣ метавонад то соли 2030 ба ташаккули модели устувори рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Чунин модел бояд на танҳо ба ҳифзи бозори дохилӣ равона гардад, балки ҳамзамон ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ нигаронида шавад. Рушди устувори кишоварзӣ дар ин замина маънои таъмин намудани тавозуни дарозмуддат миёни талабот ва пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва баланд бардоштани саҳми истеҳсолоти ватанӣ дар таъмини амнияти озуқавории кишвар равона карда мешавад. Ин раванд, ҳамчунин, ба диверсификатсияи истеҳсолот, рушди коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва эҷоди арзиши иловашуда дар дохили кишвар мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, татбиқи консепсия метавонад ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, афзоиши ҷойҳои корӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва тақвияти устувории иҷтимоии ҷомеа оварда расонад. Ҳамзамон, баланд шудани даромади истеҳсолкунандагони ватанӣ ва дастрасии истеъмолгарон ба маҳсулоти босифат ва бехатар яке аз натиҷаҳои муҳимми ин сиёсат ба шумор меравад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, татбиқи ин консепсия ба афзоиши самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, рушди инфрасохтори муосир, ҷалби технологияҳои пешрафта ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ мусоидат хоҳад кард. Амалӣ гардидани тадбирҳои пешбинишуда барои таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар, рушди истеҳсолоти рақобатпазир, афзоиши иқтидори содиротӣ ва васеъ намудани имкониятҳои иштироки истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ шароити зарурӣ фароҳам месозад.

Аз ин рӯ, ҷалби ҳамаҷонибаи неруҳои давлат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои амалӣ сохтани ин консепсия аҳаммияти стратегӣ ва дарозмуддат дорад. Танҳо дар шароити ҳамкорӣ, ҳамоҳангӣ ва масъулияти муштарак метавон натиҷаҳои устувор ва муассир ба даст овард, ки онҳо ба рушди босуботи кишоварзии Тоҷикистон ва таҳкими мавқеи он дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат менамоянд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию методологӣ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои гуногун, барои мутобиқ намудани сиёсати

савдои хориҷӣ ба тағйироти иқтисоди ҷаҳонӣ ташаккули низоми дастгирии ҳадафманди соҳаҳои дорои иқтидори баланди рақобатпазирӣ ва содиротӣ ҳамчун унсури муҳими сиёсати савдои хориҷии кишвар ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ин модел ба механизми ҳимояи мақсадноки соҳаҳои стратегӣ асос ёфта, инкишофи иқтидорҳои истеҳсолӣ, баландбардории арзиши иловагӣ ва ташаккули рақобатпазирии дарозмуддат дар бахшҳои дорои афзалияти муқоисавӣ равона гардад [4- М].

2. Таҳия намудани Консепсияи миллӣ оид ба протексионизми аграрӣ ҳамчун заминаи ягонаи сиёсати давлатии дастгирии комплекси агросаноатӣ зарур мебошад. Консепсия бояд ҳадафҳо, принсипҳо, афзалиятҳо, воситаҳо ва механизмҳои муосири танзим ва дастгирии давлатии соҳаи кишоварзиро дар асоси равишҳои илмӣ муайян намуда, ба рушди устувори деҳот, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ равона карда шавад. Ҳамзамон, он бояд мутобиқати сиёсати протексионистиро ба талаботи иқтисоди бозорӣ, қоидаҳои СУС, хусусиятҳои миллӣ ва ҳадафҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии деҳот таъмин намояд [6- М].

3. Бо дарназардошти таҷрибаи ИМА ва ИА, Ҷопон ва Русия, Тоҷикистон бояд сиёсати аграрии мутобиқшаванда, чандир ва илмбунёдро интихоб кунад. Роҳи оптималӣ ин тавозун байни дастгирии давлатӣ, ҳавасмандкунии бозорӣ ва ҳамгироӣ ба савдои байналмилалӣ аст. Танҳо дар ин ҳолат протексионизм метавонад ба рушди воқеии бахши аграрӣ ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ мусоидат кунад [5- М].

4. Барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ, гузариш ба модели муосири механизатсия ва рақамикунонии равандҳои аграрӣ дар заминаи навсозии инфрасохтори кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад. Барномаи пешниҳодшуда бояд таҷдиди техникаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои сарфакоронаи обёрӣ, такмили инфрасохтори нигоҳдорӣ ва дастгирии молиявии истеҳсолкунандагонро таъмин намояд. Татбиқи он ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, коҳиш додани талафоти ҳосил ва таҳкими истеҳсолоти ватанӣ мусоидат намуда, вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқавориро коҳиш медиҳад [2- М].

5. Аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки вобастагии иқтисоди кишвар аз воридот бо рушди нокифояи заминаи истеҳсолӣ, истифодаи маҳдуди технологияҳои муосир, рушди маҳдуди инфрасохтори коркард ва нигоҳдорӣ, инчунин набудани ҳамоҳангсозии муассир байни бозор, истеҳсолкунанда ва ниҳодҳои иҷозатдиҳанда мебошад. Таъсири ин омилҳо боиси он мегардад, ки истеҳсолоти ватанӣ талаботи бозори дохилиро ба ҳаҷм ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ пурра қонеъ карда натавонад ва вобастагӣ аз воридот афзоиш ёбад, ки дар навбати худ метавонад ба устувории бозори дохилӣ ва амнияти озуқавории кишвар таъсир расонад [7- М].

6. Дар минтақаҳои асосии истеҳсолӣ Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Бадахшон кластерҳои содиротӣ таъсис дода шаванд. Кластер аз фермерон,

корхонаҳои коркард, сардхонаҳо, маркази сертификатсия, логистика ва ташкилоти маслиҳатдиҳӣ иборат буда, ҳамаи онҳо дар як низом фаъолият мекунанд. Ҳадаф ин аст, ки аз парокандагии истеҳсолот пешгирӣ шуда, ҳамгироии илмӣ, техникӣ ва иқтисодӣ таъмин гардад. Чунин модел дар кишварҳои Туркия ва Ҳолланд натиҷаи калон дода, ҳаҷми содиротро чандин маротиба афзоиш додааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ташкили кластерҳо дар ҷумҳурӣ метавонад талафоти маҳсулотро то 35% кам карда, ҳаҷми содиротро 2-3 маротиба зиёд намояд [5-М, 8-М,13- М].

7. Бояд моделии илмии “Арзёбии самаранокии протексионизм дар шароити иқтисоди аграрии ҷумҳурӣ таҳия шавад. Ин модел бояд омилҳои таъсиррасон сатҳи тарифҳо, қобилияти рақобатии истеҳсолоти ватанӣ, имкониятҳои инфрасохторӣ ва талаботи бозорро ба таври мукаммал дар як низоми таҳлили ҷо ба ҷо намояд. Истифодаи модел имкон медиҳад, ки:

- сатҳи оптималии муҳофизати бозор барои ҳар як намуди маҳсулот дақиқ муайян карда шавад;
- пайомадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ пеш аз тадбиқ ҳисоб карда шаванд;
- сиёсати муҳофизатӣ бо стратегияҳои дарозмуддати рушди кишоварзӣ ҳамоҳанг шавад.

Ин тадқиқот метавонад асоси илмии таҳияи сиёсати миллии протексинизм ва воридотивазкунӣ гардад [2-М, 7- М].

8. Пешниҳод мегардад, ки модели илмии “Механизми мукаммалгардонии протексионизм дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ” дар формати чаҳорчубаи бисёрсатҳӣ таҳия карда шавад, ки чор самти асосиро дар бар гирад:

1. Сатҳи ҳуқуқӣ: таҳлили таъсири қонунгузории мавҷуда, рушди қонунҳои махсуси соҳавӣ, мутобиқсозии онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи СУС.

2. Сатҳи институтсионалӣ: омӯзиши сохтори идоракунӣ, ташхиси норасоии ҳамоҳангӣ байни мақомот, таҳияи модели институти ягонаи танзимкунанда.

3. Сатҳи иқтисодӣ- техникӣ: таҳлили таъсири протексионизм ба нарх, рақобат, сифати маҳсулот, мониторинги рақамӣ ва имкониятҳои инфрасохторӣ.

4. Сатҳи иҷтимоию бозор: арзёбии таъсири чораҳои муҳофизатӣ ба истеъмолкунандагон, баҳодиҳии вазъи амнияти озуқаворӣ, механизми ҳимояи иҷтимоӣ ва шаффофият.

Модели пешниҳодшуда имкон медиҳад, таъсири маҷмуии сиёсати протексионистӣ ба бозори кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба таври илмӣ баҳогузорӣ шуда, сенарияҳои оптималии танзими воридот ва ҳифзи истеҳсолоти миллӣ муайян карда шаванд. Ин чаҳорчуба метавонад асоси таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои дарозмуддат гардад [6- М, 13- М].

9. Дар доираи консепсияи идоракунии сиёсати протексионистӣ то соли 2030 низоми ягонаи рақамии мониторинг ва назорати воридоти маҳсулоти кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда шавад, ки ба воситаи он шаффофият, дақиқии оморӣ ва самаранокии механизми танзимнамоӣ ба таври назаррас беҳтар мегардад [5- М,7-М].

Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Тавсия дода мешавад, ки дар раванди татбиқи протексионизми интихобӣ механизми баҳои даврии самаранокии чораҳои муҳофизатӣ таъсис дода шавад. Ин механизм имкон медиҳад, ки таъсири тарифҳо, маҳдудиятҳои ғайритарифӣ ва дастгирии давлатӣ ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ, истеҳсолот, содирот ва технологӣ ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад. Ҳангоми расидан ба меъёрҳои муайяни рушд, чораҳои муҳофизатӣ бояд тадриҷан коҳиш ёбанд, то ки хатарҳои вобастагии аз ҳифзи давлатӣ ва сустшавии динамикаи рақобатӣ пешгирӣ гарданд.

2. Дар шароити муосир сиёсати протексионизми аграрӣ бояд ба таҳкими иқтидори истеҳсолии бахши кишоварзӣ тавассути рушди инфрасохтори аграрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, инчунин дастгирии хоҷагиҳои деҳот ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона карда шавад. Татбиқи чунин сиёсат барои рушди устувори соҳаи агросаноатӣ ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

3. Бо мақсади таҳкими амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, ташаккули механизми самараноки танзими бозор зарур мебошад. Механизми мазкур бояд ба ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, нигоҳдории тавозуни нархҳо ва таъмини устувори бозори озуқаворӣ нигаронида шавад. Ин метавонад вориди:

- ҷорӣ кардани нархҳои кафолатнок ва пешакӣ ҳисобшуда барои маҳсулоти асосӣ (гандум, шир, гӯшт, сабзавот ва мева);
- ташкили захираҳои давлатӣ барои пешгирии камбудиҳо ва болоравии нархҳо гардад.

4. Барои коҳиш додани вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридот зарур аст, ки иқтидорҳои истеҳсолии дохилӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самаранокии хоҷагиҳои кишоварзӣ тақвият дода шаванд. Лозим аст, ки инфрасохтори коркарди маҳсулоти ватанӣ, азҷумла сардхонаҳо, марказҳои логистикӣ ва корхонаҳои коркард дар минтақаҳои асосии истеҳсолӣ васеъ гарданд. Рушди истеҳсоли тухмӣ, нуриҳо ва воситаҳои муҳофизати растанӣ дар дохили кишвар яке аз самтҳои калидии воридотивазкунӣ мебошад. Барои ҳавасманд намудани истеҳсолкунандагон бояд дастгирии давлатӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёнок ва имтиёзҳои андозӣ бештар татбиқ гардад. Истифодаи кишоварзии рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ метавонад ҳосилнокиро зиёд ва талафотро кам намояд. Иҷрои ин тадбирҳо имкон медиҳад, ки талаботи бозори дохилӣ бештар аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ таъмин шуда, вобастагӣ аз воридот тадриҷан коҳиш ёбад.

